# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Чунонки маълум аст ҳамаи забонҳои дунё ба ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд ва ин аст тавассути забон халқияту миллатҳо аз фарҳангу адабиёту таърихи ҳамдигар аз наздик огоҳ мешаванд. Аз ин рӯ, равобити адабӣ беш аз пеш рушд мекунад, ки дар ин замина, нақши тарҷума ва тарҷумонӣ тавассути муқоисаи як забон ба забони дигар муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд омӯзиши забон дар муқоиса ба забони дигар мураккаб арзёбӣ гардад ҳам, зарур ва мубрам аст, зеро зимни муқоиса як қатор масъалаҳои баҳсталаб рӯйи кор меоянд, ки дар дастрасӣ ба тарҷумаи мукаммал монеаҳоро бартараф менамоянд.

Яке аз омили асосии устувор будани таркиби луғавии забон ва дар такомулу густариш қарор доштани он, пеш аз ҳама, робитаи қавии забони тоҷикӣ бо забонҳои дигари дунё, аз ҷумла, бо забони англисӣ, бо роҳи тарҷума кардану тарҷума шудани маводди бадеӣ, таълимӣ ва илмию сиёсӣ мебошад. Дар ҳамин баробар, бояд зикр намуд, ки омӯзиш ва истифодаи бойигариҳои ҳар як забон бидуни таҳқиқи вижагӣ, маъно ва сохтори онҳо, имкониятҳои якҷо ифода кардани фикр бо калимаҳои дигар ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии забонию тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносию тарҷумашиносӣ маҳсуб ёфта, аҳаммияти илмию амалиро дар худ таҷассум менамояд, ки диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна ба он бахшида шудааст.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба рамзи ихтисоси

тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат мекунад.

Дар ҳама бобу фасл ва зерфаслҳои диссертатсия, ки аз автореферат бармеояд, масъалаҳои назарӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони варзидаи тоҷик ва хориҷӣ бозбинӣ шуда, таҳқиқоти забоншиносию тарҷумашиносӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлил гардидаанд ва марзгузорӣ байни воситаҳои тасвири бадеӣ ба далелҳои асоснокшуда баён гардидаанд, ки муҳиммияти мавзуи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Таҳвилоти дастурию луғавии воситаҳои тасвири бадеӣ пажуҳиш карда шуда, бо мисолҳо аз асарҳои бадеӣ гурӯҳбандӣ гардидаанд.

Гарчанде автореферат тибқи талабот таҳия шуда, арзиши баланди илмӣ дошта бошад ҳам, дар он камбудиҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд:

1. Агар таносуби бобу зербобҳо дар диссертатсия риоя мешуданд, ба манфиати кор мебуд;

2. Дар автореферат зимни нишон додани андешаҳои мутахассисони соҳа оид ба воситаҳои тасвири бадеӣ, ба пажуҳишҳои варзидаи тоҷик кам таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст;

3. Дар автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар расид.

Албатта камбудиҳои дар кор ҷойдошта қимати илмии онро коста намегардонанд ва ислоҳ намудани ин норасоиҳо дар таҳқиқоти минбаъда ба манфиати кор аст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферат муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос намуда, тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар

матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумаро фаро гирифта, сохтор ва мундариҷаи он ба талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои филологӣ,
ректори Филиали Донишкадаи
рушди менеҷменти Сингапур
дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Х. Мирзоев, бинои 3, ҳонаи 56
Тел.: (+992) 907-80-18-22
E-mail: mukhtorov67@gmail.com

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Саид Носир 33.
Тел: (+992) 8888ғ02ғ777
E-mail: www.mdis.edu.tj

13.05.2025